**Хулосаи**

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА -004 назди Донишгохи миллии Тоҷикистон оид ба рисолаи илмии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи: “Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

1. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи: “Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки накши худро дар илми иқтисод мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷро гардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот инъикос гардидааст.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Рисолаи илмӣ фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои ташаккул ва рушди институтсионалии шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Рисолаи илмӣ аз тарафи муаллиф мустақилона иҷро шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи рисоларо нишон медиҳад.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01-уми майи соли 2019, таҳти № 96 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели 2017, таҳти №1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад,

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тависянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ( бо ҳаҷми 4,67 ҷузъи чопӣ) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор) мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти рисолаи илмӣ Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор) гувоҳӣ медиҳанд.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Мутобиқи банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Рисолаи илмии Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло дар мавзӯи: “Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ, ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи рисолаи илмӣ шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Ҷабборов Абдусаттор Ҷабборович доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва иқтисоди меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

– Олимов Аловиддин Хайруллоевич номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултаи баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Қаюмов Н.Қ.

**Аъзоёни комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Қодирзода Д.Б.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Низомов С.Ф.